**ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ САЙЁҲӢ ВА СОҲИБКОРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ИНСТИТУТИ ИЛМИЮ ТАДҚИҚОТИИ РУШДИ УСТУВОР ВА ИҚТИСОДИ САБЗ**

**«Тасдиқ мекунам»**
**Ректори Донишгоҳи байналмилалии**
**сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор**
**_____________Убайдулло Асрорзода**
**«26» ____09____ с.2025**

# ҲИСОБОТ ОИД БА РУШДИ УСТУВОРИ ДОНИШГОҲ

**ДУШАНБЕ – 2025**

Ҳисоботи мазкур аз ҷониби Институти илмию тадқиқотии рушди устувор ва иқтисоди сабзи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон бо ҳадафи ба низомдарорӣ (систематизатсия) ва пешниҳоди дастовардҳои донишгоҳ дар самтҳои рушди устувор, иқтисоди сабз ва дипломатия, инчунин табдили рақамии муҳити таълимӣ таҳия шудааст.

Ҳисобот татбиқи ҳамаи барномаҳои рушди устувори донишгоҳ: инфрасохтор, энергетика ва тағйирёбии иқлим, партовҳо, об, нақлиёт, маориф ва илмро инъикос менамояд.

## 1. ВАЗИФА, ДИДГОҲ, ҲАДАФ, СТРАТЕГИЯ ВА СИЁСАТИ ДОНИШГОҲ ДАР САМТИ РУШДИ УСТУВОР

**Вазифаи (миссия) донишгоҳ** аз ташаккули ҷомеаи аз ҷиҳати экологӣ масъул тавассути маориф, илм ва ҳамкориҳои байналмилалӣ иборат аст.

**Дидгоҳ ва стратегия дар рушди устувор.** Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон рушди устуворро ҳамчун унсури асосии рисолат ва фалсафаи институтсионалии худ баррасӣ мекунад.

Дидгоҳи донишгоҳ ташаккули фазои таълимии аз ҷиҳати экологӣ масъул мебошад, ки метавонад таҳқиқоти илмӣ, технологияҳои инноватсионӣ ва амалияи идоракунии захираҳоро ба нафъи ҷомеа ва наслҳои оянда муттаҳид созад.

**Ҳадафҳои ҳисобот:** таъмини шаффофияти фаъолияти донишгоҳ дар соҳаҳои экология, маориф ва идоракунии захираҳо, инчунин таҳкими мавқеи он ҳамчун пешвои миллӣ дар пешбурди Ҳадафҳои рушди устувори СММ (ҲРУ).

**Стратегияи рушди устувори донишгоҳ** бар асоси як равиши ҳамаҷониба сохта шудааст, ки ҷанбаҳои илмӣ, таълимӣ, инфрасохторӣ ва иҷтимоиро дар бар мегирад.

Ҳадафи асосии стратегия ҳамгиро кардани принсипҳои рушди устувор ба ҳамаи самтҳои фаъолияти донишгоҳ: аз тарҳрезии кампус ва барномаҳои таълимӣ то таҳқиқоти илмӣ ва ҳамкориҳои байналмилалӣ.

Диққати махсус ба сохтани инфрасохтори “сабз”, рушди малакаҳои рақамӣ ва иқлимӣ дар миёни донишҷӯён, пешбурди идеяҳои “сабзшавӣ” ва иштироки фаъол дар ташаббусҳои ҷаҳонӣ, ки ба татбиқи Ҳадафҳои рушди устувори Созмони Милали Муттаҳид равона шудаанд, дода мешавад. Донишгоҳ мекӯшад, на танҳо маркази таълимӣ, балки намунаи тафаккури “сабз” бошад, ки дар амал татбиқи сиёсати экологии давлатӣ ва таҳкими имиҷи байналмилалии Тоҷикистонро ҳамчун кишвари ҷонибдори рушди устувор таъмин мекунад.

**Сиёсати рушди устувори** Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон бо фармони ректори донишгоҳ тасдиқ шудааст ва ҳуҷҷати стратегиест, ки самтҳои афзалиятнок ва принсипҳои идоракунии аз ҷиҳати экологӣ-масъулро барои давраи дарозмуддат муайян мекунад.

Ин сиёсат бар асоси ҳамбастагӣ бо афзалиятҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои стратегии Ҳукумат дар соҳаи "иқтисоди сабз", инчунин уҳдадориҳои байналмилалӣ дар доираи Нақшаи ҷаҳонии рушди устувор то соли 2030 таҳия шудааст.

Самтҳои асосии сиёсат иборатанд аз:

1. Табдили энергетикӣ – гузариш ба манбаъҳои барқароршавандаи энергия, баланд бардоштани самаранокии энергетикӣ дар кампус ва татбиқи технологияҳои инноватсионии идоракунии истеъмоли энергия.
2. Ҳифзи об ва амнияти обӣ – иҷрои барномаҳои истифодаи оқилонаи захираҳои обӣ, бозистифодаи об ва назорати сифати обҳои партов.
3. Идоракунии партовҳо – татбиқи принсипщои 3R (Reduce - *коҳиш додан*, Reuse - *бозистифода*, Recycle - *коркарди* такрорӣ*)*, ташкили системаи "Кампуси бе партов" (*Zero Waste Campus*), баланд бардоштани фарҳанги экологии донишҷӯён ва кормандон.
4. Нақлиёти устувор – рушди намудҳои экологии ҳаракат, оптимизатсияи минтақаҳои таваққуфгоҳ, ҳавасмандсозии истифодаи электросамокатҳо, дучархасаворӣ ва нақлиёти муштарак.
5. Рақамикунонӣ ва идоракунии электронӣ – гузариш ба гардиши электронии ҳуҷҷатҳо, таъсиси системаи мониторинги зеҳнӣ барои назорати истеъмоли энергия, об ва захираҳои нақлиётӣ.

Сиёсат ба он равона шудааст, ки ҳамаи воҳидҳои донишгоҳ мутобиқ ба принсипҳои рушди устувор амал кунанд. Татбиқи барномаҳо бо мониторинги шаффоф, ҳисоботдиҳии мунтазам ва ҷалби фаъоли донишҷӯён ва кормандон ба равандҳои қабули қарор ҳамроҳӣ мегардад.

Дар асоси равиши стратегии донишгоҳ Ҳадафҳои рушди устувори Созмони Милали Муттаҳид (ҲРУ), афзалиятҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ташаббусҳои ҷаҳонии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба истифодаи устувори захираҳои обӣ ва табиӣ қарор доранд.

## 2. БАРНОМА ВА ТАШАББУСҲОИ ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ САЙЁҲӢ ВА СОҲИБКОРИИ ТОҶИКИСТОН

### 1. Барномаи ҳифзи наботот ва ҳайвонот (солҳои 2024–2030)

**Ҳадаф:** ташкили экосистемаи устувор дар ҳудуди кампуси донишгоҳ.

**Чораҳо:**

- Парвариши гиёҳҳои нодир, ороишӣ ва эндемикӣ (зиёда аз 80 намуд).
- Ташкили боғи ботаникии хурд (мини-ботсад).
- Насби системаи автоматикунонидашудаи обёрӣ.

**Шарикон:** Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, GIZ.

**Натиҷа:** Афзоиши гуногунии биологӣ ва устувории экологӣ дар ин минтақа.

## 2. Барномаи «Муҷаҳҳазгардонӣ ва инфрасохтор»

**Мақсад:** беҳтар кардани шароити кампус бо таваҷҷӯҳ ба самаранокии энергия ва дастрасӣ.

**Тадбирҳо:**

- Навсозии биноҳо бо истифодаи технологияҳои каммасраф.
- Ҷиҳозонидан бо озмоишгоҳҳо ва марказҳои таълимии муосир.
- Ташкили минтақаҳои сабз ва системаи ҷудогонаи ҷамъоварии партовҳо.

**Натиҷа:** баланд бардоштани сифати инфрасохтор ва ҳамгироии принсипҳои ҲРУ 9, 11 ва 13.

## 3. Барномаи кам кардани партовҳои газҳои гулхонаӣ (2024-2030)

**Мақсад:** ноилгардии безарарии иқлимии кампус.

**Тадбирҳо:**

- баҳисобгирии партовҳо аз рӯи се намуди фарогирӣ (Scope 1-3);
- гузариш ба энергияи барқароршаванда;
- коҳиш додани партовҳои нақлиёт ва офис.

**Шарикон:** GIZ, САҲА, Вазорати маориф ва илми ҶТ.

**Натиҷа:** камшавии партовҳои умумии $CO_2$ зиёда аз 30%.

## 4. Барномаҳои инноватсионӣ дар соҳаи энергетика ва иқлим

***4.1. "Green Energy Campus" (2024-2030)***

- насб кардани панелҳои офтобӣ (то 50 кВт тавоноии умумӣ);
- ҷорӣ намудани системаи зеҳнии идоракунии энергияи iU-Energy;
- гузариш ба равшании LED;

**Таъсир:** камшавии истеъмоли энергия 25%, партовҳои $CO_2$ - 35%.

***4.2. "Smart Comfort System" (2023-2028)***

- назорати автоматии вентилятсия ва рӯшноӣ;
- назорати намӣ ва $CO_2$ бо сенсорҳо;
- оптимизатсияи микроиқлим бо истифодаи ЗС.

**Таъсир:** кам кардани хароҷоти назорати иқлим 30%.

*4.3. "Green Mobility" (2022-2027)*

- насб кардани истгоҳҳои барқгиранда барои мошинҳои барқӣ ва скутерҳо;
- рушди инфрасохтори велосипед ва карпулинг.

  **Таъсир:** коҳиши партовҳои нақлиётии Scope 3 ба 20%.

*4.4. "e-Green: Гардиши ҳуҷҷатҳои электронӣ" (2023–2026)*

- гузариши пурра ба шаклҳои рақамии коргузорӣ;
- истифодаи анборҳои абрӣ ва имзоҳои рақамӣ.

  **Таъсир:** кам кардани хароҷоти коғазӣ 70%.

## 5. Барномаҳои тағйирёбии иқлим

**Мақсад:** рушди тафаккури устувори донишҷӯён ва кормандон.

**Тадбирҳо:**

- гузаронидани конфронсҳо, тренингҳо ва аксияҳои экологӣ;
- ба барномаҳои таълимӣ дохил кардани модулҳои мутобиқсозии иқлим;
- Шарикӣ бо САҲА, донишгоҳҳои СҲШ, GIZ.

  **Таъсир:** баланд бардоштани огоҳӣ ва ҷалби амалӣ ба амали иқлим.

## 6. Барномаи "3R: Zero Waste Campus" (2023–2030)

**Мақсад:** кам кардани партовҳо то ҳадди ақал.

**Тадбирҳо:**

- системаи ҷудогонаи ҷамъоварии партовҳо;
- коркарди партовҳои органикӣ ва ғайриорганикӣ;
- мониторинги ҷараёни партовҳои рақамӣ

  **Натиҷа:** коркарди зиёда аз 75% партовҳо, кам кардани ҳаҷми партовгоҳҳо.

## 7. Барномаҳо оид ба захираҳои об

*7.1. "Smart Water Management" (2024-2030)*

- ҷорӣ намудани сенсорҳои истеъмоли об;
- назорати автоматии ихроҷ;
- таҳлили истеъмол тавассути ТИК.

**Таъсир**: сарфаи об 30%.

*7.2. "Water Reuse System" (2023-2028)*

- истифодаи дубораи оби техникӣ барои обёрӣ ва тозакунӣ;
- сохтани зарфҳои захиравӣ.

  **Таъсир:** то 40% истифодаи дубораи об.

*7.3. "Digital Water Management"*

- мониторинги онлайн тавассути системаи SmartCampus;

- таҳлил ва пешгӯии истеъмоли об.

*7.4. “Water Quality Control” (2023-2027)*

- назорати озмоишии обҳои партов ва нӯшокӣ;
- полоиш, тозакунии биологӣ ва механикӣ;

**Таъсир:** пешгирии ифлосшавӣ ва истифодаи дубора то 25% об.

### 8. Барномаҳо оид ба нақлиёт ва мутаҳаррикӣ

*8.1. “Parking Reduction & Green Zones” (2023-2027)*

- Беҳтарсозии таваққуфгоҳҳо, кабутизоркунии ҳудуд;
- Кам кардани масоҳати таваққуфгоҳҳо ба 30%;

**Таъсир:** беҳтаргардонии микромуҳити кампус ва коҳиши сатҳи ифлосшавии ҳаво.

*8.2. “Monitoring and ICT Control” (2024-2030)*

- мушоҳидаи рақамии селаи нақлиёт;
- таҳлили маълумот дар бораи партовҳо;

**Таъсир:** ташаккули стратегияи устувори нақлиёт.

## 3. ШАРИКОН:

1. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
2. Вазорати маориф ва илми ҶТ
3. Кумита оид ба ҳифзи муҳити зист
4. GIZ
5. САҲА
6. Созмони умумиҷаҳонии сайёҳӣ (UNWTO)
7. Донишгоҳҳои Созмони ҳамкории Шанхай
8. Академияи байналмилалии илмҳои таҳсилоти олӣ
9. Ассотсиатсияи донишгоҳҳои Осиё

## 4. Мувофиқат ба Ҳадафҳои рушди устувор (ҲРУ)

| № | ҲРУ | Барномаҳои дастгиришаванда |
|---|---|---|
| 1. | Оби тоза ва беҳдошт | Smart Water, Water Reuse, Water Quality |
| 2. | Неруи дастрас | Green Energy Campus |
| 3. | Саноат ва инноватсия | Smart Comfort, e-Green |
| 4. | Шаҳрҳои устувор | Муҷаҳҳазгардонӣ ва инфрасохтор |
| 5. | Истеъмоли оқилона | 3R Zero Waste |
| 6. | Мубориза бо тағйирёбии иқлим | Ҳамаи барномаҳои иқлимӣ |
| 7. | Ҳифзи экосистемаҳо | Барномаи ҳифзи наботот ва ҳайвонот |
| 8. | Ҳамкорӣ ба хотири рушди устувор | Ҳамаи ҳамкориҳои байналмилалӣ |

## 5. НАТИҶАҲО

Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон равиши системавию стратегии татбиқи принсипҳои рушди устуворро нишон дода, илм, маориф, инноватсия ва дипломатияи сабзро ба як экосистемаи ягонаи дигаргунсозӣ муттаҳид менамояд.

Соли 2025 донишгоҳ мавқеи яке аз донишгоҳҳои пешрафтаи кишварро мустаҳкам кард, ки технологияҳои пешрафтаи иқлимӣ, рақамӣ ва сарфаи захираҳоро ба раванди таълимӣ ва илмӣ ҷорӣ мекунад. Дар доираи стратегияи комплексии "Green Campus 2030" барномаҳои дарозмуддат оид ба рақамикунонии идоракунӣ, самаранокии энергия, сарфаи об, паст кардани изи карбон ва ташаккули фарҳанги экологӣ дар байни донишҷӯён ва кормандон амалӣ карда мешаванд.

Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дар татбиқи принсипҳои рушди устувор ба натиҷаҳои назаррас ноил гардида, амалияҳои инноватсионӣ, рақамӣ ва экологиро ба фаъолияти таълимӣ ва тадқиқотӣ пайваста ҷорӣ намуд.

Дар солҳои охир донишгоҳ ҳамчун маркази пешбари иқтисоди сабз ва дипломатия, таҳсилоти устувор ва технологияҳои инноватсионӣ мавқеъ гирифта, татбиқи воқеии стратегияҳои рушди устувори миллӣ ва байналмилалиро нишон дод.

## 6. НАТИҶАҲО ВА ДАСТОВАРДҲОИ АСОСӢ:

**Тағйироти инфрасохторӣ:** навсозии кампус ба анҷом расид, биноҳои нав, озмоишгоҳҳо ва минтақаҳои сабз ҷорӣ карда шуданд; сатҳи татбиқи барномаи инфрасохторӣ аз 90% зиёд аст, ки имкон дод, ки муҳити каммасраф, фарогир ва бехатари таълимӣ фароҳам оварда шавад.

**Устувории об:** системаҳои рақамӣ ва такрории идоракунии истифодаи об ҷорӣ карда шуданд, ки талафоти обро то 30% коҳиш доданд, дақиқии баҳисобгирӣ то 95% афзоиш ёфт ва зиёда аз 50% ҳаҷм дубора истифода шуд.

**Рақамикунонии идоракунӣ:** гузариш ба гардиши ҳуҷҷатҳои электронӣ имкон дод, ки истеъмоли коғаз ва маводи пластикӣ беш аз 90% кам карда шавад, шаффофияти идоракунӣ ва саводнокии рақамии кормандон баланд бардошта шавад.

**Фаъолияти иқлимӣ ва таълимӣ:** Дар соли 2025 зиёда аз 30 конфронс ва форумҳои байналмилалӣ оид ба рушди устувор, иқтисоди сабз, дипломатияи сабз, мутобиқсозии иқлим ва ғайра баргузор шуданд. Донишгоҳ ба майдони мубодилаи таҷриба байни коршиносони миллӣ ва байналмилалӣ, аз ҷумла шарикони UNEP, CAҲA, GIZ ва CAREC табдил ёфт.

**Ташаккули рафтори экологӣ:** системаи устувори таълими экологӣ таъсис дода шудааст, ки донишҷӯён, омӯзгорон ва ҷомеаҳои маҳаллиро фаро мегирад. Курсҳо ва фанҳо оид ба тағйирёбии иқлим, иқтисоди сабз ва рушди устувор ҷорӣ карда шуданд.

**Саҳм ба ҲРУ:** барномаҳои донишгоҳ бевосита Ҳадафҳои рушди устувори СММ дастгирӣ намуда, соҳаҳои маориф, экология, инноватсия, иқлим ва шарикиро фаро мегиранд.

## 7. САМАРАИ УМУМИИ АМАЛИГАРДОНӢ

Барномаҳои татбиқшаванда ба донишгоҳ имкон доданд, ки аз ташаббусҳои алоҳида ба системаи мукаммали идоракунии устувор гузарад. Барои мониторинги солонаи изи карбон, назорати рақамии захираҳои об ва энергетика, инчунин арзёбии саҳми кампус дар татбиқи ӯҳдадориҳои иқлими миллӣ ва байналмилалӣ замина таъсис дода шудааст.

Дар натиҷа, донишгоҳ амсилаи намунавии "донишгоҳи сабзи" Тоҷикистон гардид, ки вазифаҳои таълимӣ, илмӣ ва дипломатиро дар бар мегирад ва таҷрибаи он дар доираҳои миллии коршиносон оид ба масъалаҳои рушди устувор фаъолона истифода мешавад.

## 8. ТАМОС

Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон
ш. Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5
Тел.: +992 (37) 2348802; +992 979660010
E-mail: green.iutet@gmail.com
Сомона: www.iutet.tj